# Семинари омӯзишӣ ҷиҳати назорати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ва ташкилоту муассисаҳои он [1]

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Август, 2021 - 15:28

Гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. (роҳбари гурӯҳ), мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Абдуллоев Ш., сармутахассисони шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Ш., Ҷалолов С. (аъзои гурӯҳ) тибқи Нақшаи назоратӣ вазъи риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва иҷрои банди 22-и Нақшаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021»-ро (6.02.2021, №14) дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф, сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Шаҳринав аз 16-ум то 20-уми августи соли 2021 мавриди назорат ва таҳлил қарор дод.

Ҳамзамон, Кумита 24-уми августи соли 2021, соати 14:30 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав аз натиҷаи назорат ва таҳлили риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва татбиқи банди Нақша бо иштироки муовини раиси Кумита, мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ ва сармутахассисони шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита, муовини раиси ноҳияи Шаҳринав ва кормандони он, раисон, муовинон ва котибони ҷамоатҳо, муовинони мудири шуъбаи маориф ва кормандони он, мудирони боғчаҳо, директорони муассисаҳои таълимӣ, ҷонишинҳо, омӯзгорони муассисаҳо, намояндагони сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, Беморхонаи марказӣ, шуғли аҳолӣ, воситаҳои ахбори омма (ҳамагӣ 70 нафар) семинари омӯзишӣ баргузор намуд.

Дар оғоз муовини раиси ноҳияи Шаҳринав Неъматуллозода Ш. ҳамаи иштирокдоронро ба семинари омӯзишӣ хайра мақдам намуда, намояндагони Кумитаро ба ҳозирин муаррифӣ кард ва оид ба мухтавои рӯзномаи семинар маълумот дод. Баъдан барои гузориш суханро ба сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Буриева Ш. дод. Аъзои гурӯҳи корӣ баён намуд, ки тибқи нақша дар мухлати кутоҳ вазъи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баъзе аз муассисаҳои ноҳияи Шаҳринав мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таҳлилҳо нишон дод, ки бо вуҷуди қаноатбахш будани масъалаи коргузорӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳияи Шаҳринав баъзе хатоҳои имлоӣ ва навишти ғайритоҷикӣ ба мушоҳида расид, ки гурӯҳи корӣ барои бартараф намудани камбудиҳои зикршуда тавсияҳои худро пешниҳод намуд.

Сипас, сухан ба муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. дода шуд, ки фикру мулоҳизаҳои худро аз рафти назорати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ва ташкилоту муассисаҳои он баён намуда, қайд карданд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар гузориш дарҷгардида дар мухлати муқарраргардида ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал ирсол намоянд. Семинари омӯзиширо муовини раиси ноҳияи Шаҳринав – Неъматуллозода Ш. ҷамъбаст намуда, бовар кунонданд, ки камбудию норасоиҳо дар мухлати кутоҳ бартараф хоҳад шуд.

## Баҳодиҳии мухтаво:

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

- [4]

- [5]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

- [6]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

- [7]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

- [8]

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/seminari-omuzishi-chikhati-nazorati-rioyai-mukarraroti-konuni-chumkhurii-tochikiston-dar-1?mini=2026-03&page=27

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/tg/content/seminari-omuzishi-chikhati-nazorati-rioyai-mukarraroti-konuni-chumkhurii-tochikiston-dar-1 [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%281%29.jpg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%282%29.jpg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%283%29.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%284%29.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%285%29.jpg [8]

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_KZB%20%286%29.jpg

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона